**аз 07.06.2022, №16-ф**

Дар бораи шакли намунавии созишномаи дар бораи ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда

070.030.010

Мутобиқи қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шакли намунавии созишномаи дар бораи ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «__» _______ соли 2022, № ___

Шакли намунавии созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд Кумитаи андоз номида мешавад, дар шахсияти Раиси он ____________________________________, ки дар асоси Низомнома амал менамояд ва ________________________________________, ки минбаъд Андозсупоранда номида мешавад, дар шахсияти директори он ________________________________________, ки дар асоси Оиннома (ё Низомнома) амал менамояд, созишномаи мазкурро бо мақсади амали намудани мониторинги андозӣ ба имзо мерасонанд.

## 1. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

1. Дар Созишномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- мониторинги андозӣ - амали ихтиёрии андозсупоранда, ки дар асоси созишнома мазкур бо мақсади пешгирии ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории андоз, гузаронида мешавад;

- иштирокчиёни мониторинги андозӣ - шахсони ваколатдори Кумитаи андоз ва андозсупоранда, ки барои гузариш ба мониторинги андозӣ ариза пешниҳод намудааст.

2. Мубодилаи иттилоот оид ба масъалаҳои муқаррароти созишномаи мазкур бо забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Дар рафти мониторинги андозӣ мубодилаи иттилоот бо яке аз роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ба мақомоти андоз додани ҳуқуқи дастрасии фосилавии ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозии андозсупоранда, ки иштирокчии мониторинги андоз мебошад;

- мақомоти андоз тариқи макони махсуси нигаҳдорӣ, ки дорои маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозии андозсупоранда мебошад, мустақилона маълумоти зарурӣро дар доираи мониторинги андозӣ, аз ҷумла нусхаҳои ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоиро дида, таҳлил менамояд;

- тавассути ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда ирсоли маълумот.

## 2. УҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

4. Уҳдадории Кумитаи андоз:

- махфияти маълумоте, ки аз ҷониби андозсупоранда дар доираи мониторинги андозӣ пешниҳод гардидааст, таъмин намояд;
- ҳар моҳ нисбат ба ҳуҷҷатҳо, маълумот ва тавзеҳоте, ки аз ҷониби андозсупоранда дар доираи мониторинги андозӣ пешниҳод мегардад, расман хулоса (дар шаклҳои хаттӣ ё электронӣ) пешниҳод намояд;
- дархост дар бораи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, маълумот ва хулосаро тариқи хаттӣ ва ё тавассути почта бо мактуби фармоишӣ, ба таври электронӣ тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ё ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда ирсол намояд;
- шахси ваколатдори мақомоти андозро, ки дар доираи уҳдадориҳои хизматиаш ва созишномаи мазкур ҳуқуқи гузаронидани мониторинги андозиро дорад муайян намуда ба андозсупоранда хабар диҳад;
- ҳангоми гузаронидани мониторинги андозӣ ошкор гардидани ихтилофот ё тафовут байни маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳод-намудаи андозсупоранда, расман андозсупорандаро барои пешниҳод намудани тавзеҳоти зарурӣ ё ислоҳоти дахлдор огоҳ намояд;
- дар ҷараёни гузаронидани мониторинги андозӣ ҳуҷҷатҳои қаблан дар шакли нусха пешниҳодшударо такроран талаб накунад;
- бо дархости андозсупоранда ё ташаббуси худ аз натиҷаи мониторинги андозӣ хулоса тартиб дода ба андозсупоранда дар давоми 5 рӯз пас аз рӯзи тартиб додани он ирсол намояд;
- аз рӯи натиҷаҳои давраи мониторинги андозӣ дар давоми 3 моҳ, вале на дертар аз 1 майи соли пас аз соли ҳисоботӣ хулосаи ниҳоӣ тартиб дода ба андозсупоранда ирсол кунад;
- бо дархости андозсупоранда дар давоми 15 рӯз аз санаи гирифтани дархост хулосаи асоснокро ирсол намояд, ба истиснои он ки барои аз ин шахси ҳуқуқӣ ё шахси дигар дархост намудани ҳуҷҷатҳои (маълумоти) зарурӣ барои омода намудани хулосаи асоснок ба 1 моҳ тамдид шуда бошад;
- дар давоми 3 рӯз аз рӯзи қабули қарори дахлдор дар бораи тамдиди муҳлати пешниҳоди хулосаи асоснок андозсупорандаро дар шакли хаттӣ хабардор намояд;
- дар давоми 3 рӯз пас аз гирифтани тавзеҳоти расмии андозсупоранда нисбат ба хулосаи мақомоти андоз маводи дахлдорро барои оғоз намудани расмиёти мусолиҳаи мутақобила ба андозсупоранда ирсол намояд;
- дар муҳлати на дертар аз 2 моҳ пас аз санаи ба охир расидани мониторинги андозӣ андозсупорандаро дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) хулосаҳои иҷронашуда, ки ба ин андозсупоранда дар ҷараёни мониторинги андозӣ фиристода шудаанд, хабардор намояд;

- дар давраи мониторинги андозӣ назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши андозиро нагузаронад.

5.Уҳдадории андозсупоранда:

- ҳуҷҷатҳо, маълумотҳо ва тавзеҳоти дархостшударо шахсан ё ба воситаи намояндаи худ, тавассути почта бо мактуби фармоишӣ, ба таври электронӣ тавассути шабақаҳои телекоммуникатсионӣ ё ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда ба Кумитаи андоз дар давоми 5 рӯз пас аз санаи гирифтани дархост, ирсол намояд;

- ҳуҷҷатҳои дархостшударо дар идораи нотариалӣ тасдиқ намояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи нотариалии нусхаи ҳуҷҷатҳои дархостшударо талаб кунад;

- ҳангоми имконнопазир будани иҷрои дархости шахси ваколатдори мақомоти андоз дар муҳлати муқарраршуда дар ин бора бо нишон додани сабабҳо ва муҳлате, ки он метавонад маълумот, ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти дархостшударо пешниҳод кунад, Кумитаи андозро расман огоҳ кунад;

- аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи Кумитаи андоз оид ба ислоҳи ихтилофот ё тафовут байни маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда дар давоми 10 рӯз маълумоти ислоҳшуда ва ё тавзеҳоти заруриро пешниҳод намояд;

- ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) тавассути дастрасӣ ба системаҳои иттилоотӣ андозсупоранда дар шакли электронӣ, дастрасии электронии ҳуҷҷатҳоро дар тамоми давраи мониторинги андоз бояд таъмин намояд;

- ҳангоми норозӣ будан бо хулосаи пешниҳоднамудаи мақомоти андоз, ба Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳо ҷиҳати аз нав барраси намудани хулоса дархост ирсол намояд;

- дар муҳлати на дертар аз 1 июни пас аз давраи мониторинги андозӣ тавзеҳоти худро нисбат ба хулосаи пешниҳодгардида ба мақомоти андоз ирсол намояд;

- оид ба розигии худ бо хулосаи асосноки мақомоти андоз дар давоми 1 моҳ аз рӯзи гирифтани он бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои хулосаи асосноки зикршуда (агар мавҷуд бошанд), огоҳ намояд;

- хулосаро бо назардошти мавқеи мақомоти андоз, ки дар он дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ (андозӣ) ва ҳисоботи андоз нишон дода шудааст, бо роҳи пешниҳоди ҳисоботи аниқшуда ё бо тартиби дигар ба расмиёт дарорад;

- ҳангоми норозӣ будан бо хулосаи мақомоти андоз, дар давоми 1 моҳ пас аз рӯзи гирифтани он ба мақомоти андоз тавзеҳоти расмӣ пешниҳод намояд;

- дастрасии шахси масъули мақомоти андозро ба низоми иттилоотии электронии андозсупоранда таъмин намояд.

## 3. ҲАМКОРИИ ИТТИЛООТӢ

6. Ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти андоз ва андосупорандае, ки дар мониторинги андозӣ иштирок мекунанд, дар асоси созишномаи мазкур бо роҳи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, дархост, тавзеҳот, маълумот, хулоса ва ғайра амалӣ карда мешавад.

7. Ба ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои пешниҳодшаванда инҳо дохил мешаванд:

- фармоиши роҳбари ташкилот дар бораи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ дар соли тақвимии гузариш ба мониторинги андозӣ;

- муомилот аз рӯи ҳисобҳои муҳосибӣ аз ҷумла ҳисоботи тавозунии муҳосибӣ;

- иқтибосҳои муфассал аз феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла амалиётҳои (ҳуҷҷатҳои) вобаста ба ҳисоб кардани андозҳо ва дигар пардохтҳо аз ҳисобҳои муҳосибӣ;

- маълумоти феҳристи таҳлилии баҳисобгирии андозӣ;

- ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи молиявии консолидатсионӣ, ки мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд, агар андозсупоранда барои таҳияи онҳо ӯҳдадор шуда бошад;

- ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоӣ;

- дигар ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) вобаста ба дуруст ҳисоб кардан (нигоҳ доштан), пурра ва саривақт пардохтани (интиқол додани) андоз ва пардохтҳо дар асоси дархост.

8. Форматҳои ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳодшуда:

- феҳрити баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз: xls, xlsx, pdf;

- барои ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо: xls, xlsx, doc, docx, pdf, jpg, gif, jpeg, tif, tiff, xml.

9. Ҳуҷҷатҳое, ки тибқи шаклҳои муқарраршуда дар шакли электронӣ тартиб дода шудаанд, инчунин ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо имзои электронии андозсупоранда, тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ба мақомоти андоз фиристода мешаванд.

## 4. АМАЛӢ НАМУДАНИ МОНИТОРИНГИ АНДОЗӢ

10. Мониторинги андозӣ аз ҷониби шахси ваколатдори Кумитаи андоз тибқи қонунгузории андоз дар доираи уҳдадориҳои хизматӣ ва созишномаи мазкур ройгон гузаронида мешавад.

11. Ҳангоми гузаронидани мониторинги андозӣ шахси ваколатдори мақомоти андоз ҳуқуқ дорад аз андозсупоранда маълумот, ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва тавзеҳотро вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ талаб намояд.

12. Ҳуҷҷати (маълумоти) дархостшаванда бояд бо шарҳу тафсилоти асоснок пешниҳод карда шавад.

13. Ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот дар мӯҳлатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- дар ҳолати сархати якуми банди 7 созишномаи мазкур - то 1 апрели соли мониторинги андозӣ;

- дар ҳолати сархати шашуми банди 7 созишномаи мазкур - дар давоми 15 рӯз аз рӯзи пешниҳоди эъломияи (ҳисоби) дахлдор;

- дар ҳолати сархатҳои боқимондаи банди 7 созишномаи мазкур - дар доираи 5 рӯз аз рӯзи қабули дархости дахлдор.

14. Раванди мониторинги андозӣ аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдор инҳоро дар бар мегирад:

- мониторинги фосилавии амалиёти ва ҳуҷҷатҳои андозсупоранда дар вақти воқеӣ;

- тахлили тартиби пешбурди бахисобгирии синтетикӣ ва аналитикии андозҳо ва пардохтҳо;

- назорати тасдиқи ҳуҷҷатии ҳар як амалиёт;

- дуруст муайян намудани манбаи андоз мутобиқи меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории андоз;

- назоратӣ сари вақт, пурра ва дақиқ нишон додани уҳдадориҳои андоз дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи андозӣ, инчунин дурустии ҳуҷҷатгузории онҳо;

- дурустии истифодаи имтиёзҳои андозӣ.

## 5. ХУЛОСАИ АСОСНОКИ МАКОМОТИ АНДОЗ

15. Кумитаи андоз пас аз баррасии тавзеҳот, ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) пешниҳодшуда ё дар сурати мавҷуд набудани онҳо, далели дуруст ё нодуруст ҳисоб кардани андоз ва пардохтҳоро (нигоҳ доштан), пурра ва сари вақт пардохт кардан ё накардани андоз ва пардохтҳоро муайян намуда, хулосаи асоснокро тартиб медиҳад.

16. Хулосаи асосноки Кумитаи андоз мавқеи онро оид ба масъалаҳои дуруст ҳисоб кардан (нигоҳ доштан), пурра ва сари вақт пардохтани андоз ва пардохтҳоро инъикос менамояд.

17. Хулосаи асоснок, бо имзои роҳбари (муовини роҳбари) Кумитаи андоз ба андозсупоранда шахсан, тавассути почта ва (ё) ба таври электронӣ тавассути ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда дар давоми панҷ рӯзи пас аз ба имзо расидан ирсол карда шавад.

18. Агар андозсупоранда бо хулосаи асосноки Кумитаи андоз розӣ набошад, вай бояд эътирози худро дар давоми як моҳ аз санаи

гирифтани он ба Кумитаи андоз дар шакли хаттӣ ё электронӣ тавассути ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда пешниҳод намояд.

## 6. РАСМИЁТИ МУСОЛИҲАИ МУТАҚОБИЛА

19. Кумитаи андоз пас аз гирифтани мавод оид ба натиҷаи мониторинги андозии гузаронидашуда, ки тибқи қисми 12 моддаи 76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, расмиёти мусолиҳаи мутақобиларо оғоз менамояд.

20. Расмиёти мусолиҳаи мутақобила дар Кумитаи андоз дар давоми 1 моҳ пас аз рӯзи гирифтани мавод оид ба натиҷаи мониторинги андозии гузаронидашуда бо иштироки андозсупоранда, гузаронида мешавад.

21. Кумитаи андоз пас аз анҷоми расмиёти мусолиҳаи мутақобила мавқеи расмии худро бо огоҳинома дар давоми 3 рӯз ба андозсупоранда дар бораи тағйир додани хулоса ё бетағйир гузоштани он ирсол мекунад.

22. Андозсупоранда дар давоми 1 моҳ пас аз гирифтани огоҳиномаи Кумитаи андоз дар бораи тағйир додан ё бетағйир мондани хулоса мавқеи худро расман ба Кумитаи андоз ирсол менамояд.

23. Дар ҳолати норозӣ будан ба хулосаи ниҳоии Кумитаи андоз, андозсупоранда ҳуқуқ дорад ба Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳо ё мақомоти судӣ муроҷиат намояд.

24. Аз рафти расмиёти мусолиҳаи мутақобила протокол тартиб дода шуда, дар он маълумотҳои зарурӣ нишон дода мешаванд ва дар он иштирокчиёни раванди расмиёти мусолиҳаи мутақобила имзо мекунанд.

25. Аз рӯи натиҷаҳои расмиёти мусолиҳаи мутақобила бо имзои Раиси Кумитаи андоз (муовини раис) дар бораи тағйир додани хулосаи асоснок ё бетағйир мондани он ба андозсупоранда огоҳинома ирсол менамояд.

26. Огоҳинома бояд дар давоми 3 рӯзи аз рӯзи тартиб додани он ба андозсупоранда ирсол карда шавад.

## 7. ПЕШ АЗ МУҲЛАТ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ СОЗИШНОМА

27. Дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ гардидани тадбиқи минбаъдаи мониторинги андозӣ, амалӣ созишномаи мазкур низ пеш аз муҳлат қатъ карда мешавад.

28. Мониторинги андозӣ дар ҳолатҳои зерин пеш аз муҳлат қатъ карда мешавад, агар:

1) аз ҷониби андозсупоранда талаботи созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотӣ таъмин нагардад ё иҷро нагардидани он барои гузаронидани мониторинги андозӣ монеъ шуда бошад;

2) маълумоти пешниҳодшуда бо маълумоти расмии дар мақомоти андоз мавҷудбуда мутобиқат накунад ва андозсупоранда дар муҳлати муайяншуда онро ислоҳ накунад;

3) андозсупоранда дар ҷараёни гузаронидани мониторинги андозӣ зиёда аз се маротиба ҳуҷҷат (маълумот) ва тавзеҳоти зарурир о пешниҳод накунад.

29. Кумитаи андоз дар давоми 10 рӯзи пас аз санаи муайян шудани қатъи тадбиқи мониторинги андозӣ ва қатъи амалӣ созишномаи мазкур, аммо на дертар аз 1 июни соли баъди даврае, ки барои он мониторинги андозӣ гузаронида мешавад, андозсупорандаро дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани мониторинги андозӣ ва амалӣ созишномаи мазкур дар шакли хаттӣ ё дар шакли электронӣ тавассути шабақаҳои телекоммуникатсионӣ ё ҳуҷҷраи шахсии андозсупоранда огоҳ менамояд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

30. Бо розигии мутақобилаи Тарафҳо ба созишномаи мазкур метавонанд тағйиру иловаҳо ворид намоянд, ки қисми ҷудонашавандаи созишномаи мазкур мебошад.

31. Баҳсҳо ва ихтилофоти марбут ба татбиқ ва шарҳи муқаррароти созишномаи мазкур бо роҳи машварат ва гуфтушуниди байни тарафҳои манфиатдор ҳал карда мешаванд.

32. Мониторинги андозӣ тибқи созишномаи мазкур дар асоси дархости андозсупоранда давраи аз 1 январи соли 20___ оғоз гардида, на камтар аз як соли пурраи молиявӣ то 31 декабри соли 20___ -ро дар бар мегирад.

33. Бо розигии тарафҳо муҳлати амали созишномаи мазкур метавонад ҳангоми иҷрои пурра ва саривақтии талаботи созишнома дароз карда шавад.

| | |
|---|---|
| ______________________________ | |
| номи ташкилот – андозсупоранда | Раиси Кумитаи андози назди |
| Роҳбари ташкилот ____________ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ________ ___________________ | ________ ___________________ |
| имзо насаб, ном ва номи падар | имзо насаб, ном ва номи падар |
| «____»__________ соли 20__ | «____»_________соли 20__ |
| Ҷ.М. | Ҷ.М. |

Эзоҳ: Созишномаи мазкур намунавӣ буда, бо розии тарафҳо матни он метавонад тағйир ёбад.